ВАЗОРАТИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ЧОРВОДОРӢ ВА ЧАРОГОҲ

# ДАСТУРАМАЛ
# ОИД БА БАҲОДИҲИИ МУРҒОНИ ЗОТӢ



Душанбе - 2024

**«Дастурамал оид ба баҳодиҳии мурғони зотӣ»**

**Мураттибон:** Комилзода Д.Қ. - д.и.к., академики АИКТ, Эргашев Д.Д.
- д.и.к., Бобозода О.С. - н.и.к., Бозоров Ш.Э. - д.и.к.,
Норбабаева С.Т. - н.и.к.

Дастурамал оид ба баҳодиҳии мурғони зотӣ аз тарафи олимони шуъбаи парандапарварии интенсивии Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ тартиб дода шуда, аз ҷониби Шурои олимони Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ (аз 29 феврали соли 2024 №2) маъқул дониста ба нашр тавсия гаштааст. Дастурамал барои хоҷагиҳои парвариши мурғони зотӣ тавсия карда мешавад.

Масъули чоп: Иброгимов Ҷ.А.

## Талаботи умумӣ

Баҳодиҳии маҳсулнокии паранда дар ҳамаи хоҷагиҳои парандапарварӣ, махсусан зотпарварӣ гузаронида мешавад. Мақсади гурӯҳбандӣ муайян кардани класси паранда мебошад, ки вобаста ба он арзиши маҳсулоти фурӯхташудаи зотӣ (тухми инкубатсионӣ, ҷавона) муайян карда мешавад. Дар хоҷагиҳо ё мурғхонаҳои алоҳида, ки барои касалиҳои сирояткунанда карантин карда шудаанд, паранда ба гурӯҳҳо чудо карда намешавад. Баҳодиҳиро комиссияе, ки сардори хоҷагӣ таъин мекунад, мегузаронад. Ҳангоми баҳогузорӣ санҷиш ва таҳлили натиҷаҳои маҳсулнокии паранда ё волидайни он гузаронида мешавад. Паранда аз ҳар як линияи шакли аҷдодӣ ё волидайн, зот ва популятсия аз рӯи хусусиятҳои асосие, ки сифатҳои истеҳсолии онро тавсиф мекунанд, баҳо дода мешавад. Масъулият барои баҳо додан ба зиммаи мутахассисони асосӣ (зоотехникҳо, селексионерҳо, ветеринарҳо) гузошта мешавад. Назорати дурустии баҳодиҳӣ аз ҷониби мутахассисони иттиҳодияҳои парандапарварӣ гузаронида мешавад.

## Баҳодиҳии мурғ

Мурғи тухмӣ ва тухмию гӯштии саравлодҳо баҳогузорӣ (бонитировка) карда мешаванд:

то 40-ҳафтаина - аз рӯи истеҳсоли тухми модарон дар давоми 40 ё 72 (68) ҳафтаи умр, вазни тухми 30 ё 52 ҳафта бо назардошти фоизи баромади ҷавонаҳо аз ҳисоби саршумор, солимии парандаи мазкур ҳангоми парвариш ва вазни зиндаи он, инчунин вазни тухми паранда дар синни 30-ҳафтаина будан, агар паранда ба ин синну сол расида бошад;

дар синни 40 ҳафта ва калонтар - аз рӯи нишондодҳои маҳсулнокӣ ва солимии онҳо дар давоми 40 ё 72 (68) ҳафтаи ҳаёт бо назардошти фоизи баромади чӯҷаҳо аз тухми парандаҳои баҳододашуда (ҷадвали 1).

Мурғҳои самти гӯштӣ аз рӯи саравлодҳо баҳогузорӣ (бонитировка) мешаванд:

то 34 ҳафта - аз рӯи вазни зинда дар 6 (5) ҳафта, солиммонии ҷавонаҳо то 6 ҳафта ва аз 6 (5) то 18 ҳафта, аз рӯи нишондодҳои маҳсулнокии модар барои 34 ва 60 ҳафтаи ҳаёт (тухмнокӣ, фоизи баромади чӯҷаҳо);
дар синни 34 ҳафта ва аз он калонтар - аз рӯи вазни зинда дар 6 (3) ҳафта, мӯҳлати нигоҳдорӣ то 6 (5) ҳафта ва аз 6 (5) то 18 ҳафта, истеҳсоли тухм барои 34 ва 60 ҳафта, фоизи баромади чӯҷа аз парандаҳои баҳододашуда (ҷадвали 2).

Мурғони самти маҳсулнокиашон тухму гӯшт (зотҳо, гурӯҳҳои зотӣ) аз рӯи вазни зинда ва солиммонӣ дар синни 18-ҳафтагӣ ва аз рӯи нишондодҳои модарӣ: маҳсулнокии тухм, вазни тухм, фоизи баромади чӯҷаҳо баҳогузорӣ мешаванд (ҷадвали 3).

Ҷадвали 1. - Талаботи ҳадди ақали маҳсулнокӣ барои муайян кардани классы мурғҳои линияҳои аслии самти тухмӣ

| Нишона | Линияҳои зоти леггорн | | | | | | | | Линияҳои аутосексии кроссҳо (мурғҳои тухмию гӯштӣ) | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | селексияшудаистода бо вазни тухм | | | | селексияшудаистода бо тухмнокӣ | | | | шакли падарӣ | | | | шакли модарӣ | | | |
| | элита рекорд | элита | I класс | II класс | элита рекорд | элита | I класс | II класс | элита рекорд | элита | I класс | II класс | элита рекорд | элита | I класс | II класс |
| Тухмнокӣ ба мокиёни аввала (дона) дар ҳаёт, ҳафта: | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 40 | 80 | 75 | 70 | 70 | 95 | 90 | 80 | 75 | 75 | 70 | 68 | 63 | 80 | 72 | 70 | 65 |
| 72 | 225 | 220 | 215 | 215 | 245 | 240 | 230 | 225 | 215 | 205 | 200 | 195 | 220 | 210 | 205 | 200 |
| Вазни тухм (г) дар синни мокиён, ҳафта: | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 30 | 56 | 55 | 54 | 53 | 52 | 51 | 50 | 50 | 57 | 56 | 55 | 54 | 54 | 54 | 53 | 53 |
| 52 | 62 | 62 | 61 | 60 | 58 | 58 | 57 | 57 | 62 | 61 | 61 | 60 | 59 | 58 | 57 | 57 |
| Баромади чӯҷа, % | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 77 | 77 | 77 | 77 | 79 | 79 | 79 | 78 | 78 | 78 | 78 | 78 | 78 | 78 | 78 | 78 |
| Солиммонии ҷавонаҳо то 17 (18) ҳафта, % | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 95 | 95 | 94 | 94 | 94 | 94 | 93 | 93 | 96 | 95 | 95 | 95 | 96 | 95 | 95 | 95 |
| Вазни зинда дар 17 (18) ҳафта, кг | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 1,25 | 1,25 | 1,25 | 1,25 | 1,20 | 1,20 | 1,20 | 1,20 | 1,4 | 1,4 | 1,4 | 1,4 | 1,4 | 1,4 | 1,4 | 1,4 |

**Эзоҳ:** талабот ба мурғҳои хурдҳаҷм нисбат ба нишондодҳои линияҳои барои вазни тухм интихобшуда аз рӯи истеҳсоли тухм 15% ва аз рӯи вазни зинда 30% кам карда мешавад.

Ҷадвали 2. - Талаботи ҳадди ақали маҳсулнокии
мурғҳои гӯштии саравлодҳо барои муайян намудани класс

| Нишонаҳо | Корниш | | | | Плимутрок | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | элита-рекорд | элита | I класс | II класс | элита-рекорд | элита | I класс | II класс |
| Баромади чӯҷа, % | 70 | 70 | 70 | 70 | 76 | 75 | 75 | 75 |
| Вазни зинда дар 5 ҳафта: | | | | | | | | |
| хурӯсчӯҷа | 1550 | 1450 | 1350 | 1300 | | | | |
| мокиёнчӯҷа | 1350 | 1250 | 1150 | 1100 | | | | |
| дар 6 ҳафта: | | | | | | | | |
| хурӯсчӯҷа | 1850 | 1700 | 1600 | 1500 | 1500 | 1450 | 1400 | 1350 |
| мокиёнчӯҷа | 1650 | 1450 | 1400 | 1300 | 1300 | 1250 | 1200 | 1150 |
| Солиммонии ҷавонаҳо, % | | | | | | | | |
| 1-6 ҳафта | 97 | 97 | 96 | 96 | 97 | 97 | 96 | 96 |
| 7-18 ҳафта | 97 | 97 | 97 | 97 | 97 | 97 | 97 | 97 |
| Тухмнокии мурғ ба саршумори аввала, дона. ба: | | | | | | | | |
| 34 ҳафтаи ҳаёт | 30 | 30 | 30 | 30 | 45 | 40 | 35 | 35 |
| 60 ҳафтаи ҳаёт | 90 | 90 | 90 | 90 | 130 | 130 | 130 | 130 |

**Эзоҳ:**

1. Талабот нисбат ба вазни зиндаи линияи модарӣ 50 г кам ва тухмнокӣ аз 5% зиёд аст.

2. Талабот нисбат ба мурғҳои дорандаи гени қадбастӣ аз рӯи вазни зинда 40% кам карда мешавад.

Ҷадвали 3. - Талаботи ҳадди ақали маҳсулнокии
мурғҳои гӯштию тухмӣ (зот, гурӯҳҳои зотӣ)

| | |
|---|---|
| Тухмнокӣ дар 65 ҳафтаи ҳаёт, дона. | 160 |
| Вазни тухм дар синни 52 - ҳафтагии мокиён, г. | 56 |
| Вазни зинда дар синни 18- ҳафтагӣ, кг | 1,5 |
| Баромади чӯҷа, % | 78 |
| Солиммонӣ, %: | |
| то синни 18- ҳафтагӣ | 95 |
| аз 18 то синни 65 - ҳафтагӣ | 95 |

• Муайян намудани класси парандаҳои баҳододашаванда дар асоси маҷмӯи хусусиятҳо.

• Класси маҷмӯавии хусусиятҳоро дар асоси класси ҳар як хусусият алоҳида муқаррар карда мешавад.

• Ба классҳои элитаи рекорд ва элита парандаҳо аз селаи селексионӣ, ки пайдоиши инфиродӣ доранд, паранда аз селаи афзоишдиҳандаи линияҳои ибтидоӣ, агар онҳо аз селаи селексионӣ гирифта шуда аз ҷиҳати нишондодҳои маҳсулнокӣ ба ин классҳо мувофиқ бошанд, дохил карда мешаванд.

Ҷадвали 4.- Муайян намудани класси парандаҳои баҳододашаванда аз рӯи маҷмӯи хусусиятҳо

| Класс оид ба маҷмӯи нишонаҳо | Тухмнокӣ ё вазни тухм (мурғи тухмдеҳ), вазни зинда (парандаи гӯштӣ) | Вазни тухм ё тухмнокӣ (мурғи тухмдеҳ), тухмнокӣ (парандаи гӯштӣ) | % баромади ҷавонаҳо | Солиммонии ҷавонаҳо, % | | Вазни зинда (мурғи тухмдеҳ) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | давраи якум | давраи дуюм | |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |
| Элита-рекорд | Элита-рекорд | Элита-рекорд | На кам аз талаботи ҳадди ақали I класс | | | |
| Элита | элита | элита | На кам аз талаботи ҳадди ақали I класс | | | |
| Элита | элита-рекорд | элита | Имконпазирии берун баромадан аз талаботи ҳадди ақал бо як нишона* | | | |
| элита | элита | элита-рекорд | Имконпазирии берун баромадан аз талаботи ҳадди ақал бо як нишона* | | | |
| Элита | элита-рекорд | I класс | На кам аз талаботи ҳадди ақали I класс | | | |
| I класс | I класс | I класс | На кам аз талаботи ҳадди ақали I класс | | | |
| I класс | элита-рекорд | II класс | На кам аз талаботи ҳадди ақали I класс | | | |
| I класс | I класс | элита-рекорд | Имконпазирии берун баромадан аз талаботи ҳадди ақал бо як нишона* | | | |
| II класс | II класс | Элита | Имконпазирии берун баромадан аз талаботи ҳадди ақал бо як нишона* | | | |
| II класс | I класс | I класс | Имконпазирии берун баромадан аз талаботи ҳадди ақал бо як нишона* | | | |
| II класс | II класс | II класс | На кам аз талаботи ҳадди ақали II класс | | | |

• Эзоҳ: * - аз талаботи ҳадди ақали класси I барои баромади чӯҷа ё солиммонӣ 3% ва вазни зиндаи мурғҳои тухмдеҳ 5% камтар аст.

**• Гурӯҳбандии парандаҳои ҳамаи намудҳои селаҳои аҷдодӣ ва волидайнӣ.**

• Паранда аз селаи аҷдодӣ ва волидайнии хоҷагиҳои зотпарварӣ аз рӯи нишондодҳои волидайн ва нишондодҳои худи онҳо оид ба фоизи баромади чӯҷа ва солиммонӣ баҳо дода мешавад (ҷадвали 5).

Ҷадвали 5. - Муайян намудани класси мурғҳои селаҳои аҷдодӣ ва волидайнӣ

| Класс оид ба маҷмӯи нишонаҳо | Класси волидайнӣ | Нишондодҳои селаи баҳододашуда | | |
|---|---|---|---|---|
| | | % баромад | Солиммонии ҷавонаҳо дар давраи I ва II | Вазни зинда (мурғи тухмдеҳ) |
| Селаи аҷдодӣ | | | | |
| I | Элита | На кам аз талаботи ҳадди ақали I класси саравлодҳо | | |
| I | I | На кам аз талаботи ҳадди ақали I класси саравлодҳо | | |
| I | Элита-рекорд | Имконпазирии берун баромадан аз талаботи ҳадди ақали саравлодҳои I класс на зиёда аз 3% | | |
| II | II | На кам аз талаботи ҳадди ақали II класси саравлодҳо | | |
| Селаи волидайнӣ | | | | |
| II | I, II | На кам аз талаботи ҳадди ақали II класси саравлодҳо | | |

Дастурамал дар асоси меъёрҳои тавсиявии Институти умумиросиягии таҳқиқотию илмии технологии парандапарварӣ омода шудааст.

734025, Гипрозем-17, Институти чорводорӣ
ва чарогоҳи АИКТ
Тел.: (+992 37) 231-06-67,
E-mail: chorvodori@bk.ru
Веб саҳифа: **instchorvodori.tj**
Андозаи 60x84 1/16.
Қоғази офсетӣ №1. Чопи офсетӣ.
Ҷузъи чопӣ 6.0 с., Адади нашр
50 нусха.